**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи вижагиҳои наҳвии “Қобуснома” аз қабили масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад, зеро ин асар дар радифи осори арзишманде қарор мегирад, ки вазъи забони адабии тоҷикро дар садаи XI ба таври возеҳ инъикос намудааст.

Маҳз аз ҳамин дидгоҳ таҳлилу баррасӣ ва ба риштаи таҳлил кашидани вижагиҳои наҳвии “Қобуснома” дорои аҳамияти зиёди илмиву амалӣ мебошад.

Муҳаққиқ бар он кӯшидааст, ки дар асоси маводи забонии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус «тарзи ибораоройӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаю мураккаб ва банди наҳвӣ» (с. 4)-ро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Аз матни автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба масъалаҳои мубрам будани мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшаванда, коркарди мавзуъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, дар боби мазкур вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи маводи «Қобуснома» вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг, ҷумлаҳои содаи яктаркиба, ҷумлаҳои дутаркиба, аъзоҳои ҷумла, тарзу воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи сода мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, таҳқиқи хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккабро фаро гирифтааст. Боби мазкур аз панҷ фасл иборат буда, баррасии хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб, вижагиҳои банди наҳвӣ, тарзу воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккабро дар бар мегирад.

Хулосаи диссертатсия дар ёздаҳ банди ҷудогона натиҷагирӣ шудааст, ки муҳтавои бобу фаслҳои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос намудааст.

Тартиби ишораи адабиёт мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хулосаи мухтасари диссертатсия бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири матни автореферат оварда шуда, муҳтавои асосии таҳқиқоти унврнҷӯро ба таври фарогир ифода менамояд.

Дар баробари дастовардҳои арзишманд дар матни автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуд буда, ба андешаи мо, ислоҳ намудани онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муаллифи рисола дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

2. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 4, 8, 11, 15, 27) ва имлоӣ (4, 7, 10, 15, 17) ба назар мерасанд.

Лозим ба ёдоварист, ки эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коҳиш намедиҳанд. Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ назаррас буда, муҳаққиқ ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Бинобар ин метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович таҳти унвони “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Мудири кафедраи забонҳои
Донишкадаи технология ва
менеҷменти инноватсионӣ
дар шаҳари Кӯлоб
номзади илмҳои филологӣ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Нишонӣ: шаҳри Куляб,
маҳалаи Борбад
тел: +992 918276962
E-mail: gulomov.haidar@mail.ru

Имзои н.и.ф. Гулямов Ҳайдар Қаландарович -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Шокиров Қ.Б.